بسم الله الرحمن الرحیم

In the name of Allah, the compassionate, the merciful

به نام خداوند بخشنده مهربان

**Усули мудирият дар Қуръони Карим**
**Compilation by:** Сафармурод Ҳусейн
**Year of publication (First Print):** 1446 AH/ 1403 Sh/ 2024 m
**Publisher:** Qom: NoorolAmin
**Printing:** Al-mustafa’s Digital Printing house
**Print-run:** 500

**اصول مدیریت در قرآن کریم**
**مؤلف:** صفرمراد حسین
**چاپ اول:** ۱۴۰۳ش / ۱۴۴۶ق
**ناشر:** نورالأمین
**چاپ:** چاپخانه دیجیتال المصطفی ﷺ **شمارگان:** ۵۰۰ **قیمت:**

**Distribution Centers**

➢ Al-Mustafa Translation and Publication Center, 18th alley corner, Western Mu’allim St., Qom, Iran
Tel: +98 25 37836134
Fax: (Ex.105) 025 37839305

➢ Al-Mustafa Translation and Publication Center, Sālāriya Three Ways, Mohammad Amin Boulevard, Qom, Iran
Tel: +98 25 32133106

pub_almustafa    pub-almustafa.ir    miup@pub.miu.ac.ir

**Thanks are due to those who assisted us in making this work available**

**Publication manager:** Mustafa Nobakht
**Production manager:** Jafar Qasemi Abhari
**Technical Supervisor:** Seyyed Mohammad Reza Jafari
**Printing and publication supervisor:** Ayyub Jamali

**All rights reserved**

NoorolAmin

# Усули мудирият дар Қуръони Карим

Сафармурод Ҳусейн

# МУНДАРИЧА

**Сарсухан ........................................................................................11**
**Боби 1: куллиёт ...................................................................................15**
**Даромад ..............................................................................................17**
1.1. Мафҳуми мудирият...........................................................................17
1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар? .............................................................18
1.3. Мудирияти исломӣ илм, ҳунар ва ё эътиқод? ...............................19
1.4. Мафҳум ва маънои мудирияти исломӣ..........................................20
1.5. Мудирият аз дидгоҳи Қуръони Карим ..........................................21
1.6. Таърихи мудирият ва сайри таърихии мактабҳои он...........23
1.7. Мудирият дар асрҳои миёна ...........................................................25
1.8. Сайри таърихии мудирияти исломӣ ...............................................26
1.9. Адабиёти таҳқиқ дар мудирияти исломӣ........................................26
1.10. Адабиёти навишта шуда барои мудирияти исломӣ..........27
1.11. Мактабҳои мудирият .......................................................................30
1.11.1. Мактаби классикии мудирият...............................................30
1.11.2. Мактаби неоклассикии мудирият ё робитаҳои инсонӣ ...33
1.11.3. Назарияи систем ё баррасии созмон дар қолаби систем .34
1.11.4. Мактаби иқтизо (ҳолатӣ, ситуатсионӣ) дар мудирият......34
1.11.5. Назарияи нақшҳои мудирӣ ........................................................35
1.12. Дараҷаҳои мудирият (мудирони мухталиф)...........................38
1.13. Мафҳуми созмон ..............................................................................42
1.14. Тақсимоти созмон.............................................................................43
1.15. Усули мудирият ................................................................................46
1.15.1. Барномарезӣ, Planning ..........................................................50
1.15.2. Созмондиҳӣ, Organizing ........................................................51
1.15.3. Роҳбарӣ, Leadership................................................................53
1.15.4. Назорат, Controlling ................................................................53
1.16. Усули мудирияти исломӣ ................................................................55
1.17. Мудирияти захираҳои инсонӣ.......................................................56

1.18. Назарияи Ислом дар мудирияти манобеи инсонӣ ............57
1.19. Мудирияти рафтори созмонӣ ..................................................59
1.20. Мудирияти фарҳанги созмонӣ ................................................60
1.21. Мудирияти стратегӣ..................................................................62
1.21.1. Стратегия, Strategy..................................................................62
1.21.2. Барномарезии стратегӣ, Strategic planning..........................63
1.21.3. Мудирияти стратегӣ, Strategic management.........................65
1.22. Густараи баҳси мудирият дар Қуръони Карим ...................66
**Ҷамъбандии боби якум**..................................................................**73**
**Боби 2: барномарезӣ «Planning»**......................................................**75**
**Даромад**..............................................................................................**77**
2.1. Мафҳуми барномарезӣ...............................................................78
2.2. Зарурат ва аҳамияти барномарезӣ .........................................79
2.3. Фоидаҳои барномарезӣ ............................................................83
2.4. Хусусиятҳои барномарезии хуб.................................................84
2.5. Навъҳои барномарезӣ.................................................................84
2.6. Усули барномарезӣ ....................................................................87
2.6.1. Асли ҳадафгузорӣ: Goal sitting.................................................88
2.6.1.1. Зарурат ва аҳамияти ҳадафгузорӣ........................................88
2.6.1.2. Хусусиятҳои ҳадафи созмон...................................................91
2.6.1.3. Усули ҳадафгузорӣ дар барномарезии созмони илоҳӣ..92
1.1.3. Асли таълими китобу ҳикмат ва тазкия аз хатоҳо...............94
1.1.4. Асли қиёми ба қист....................................................................94
1.2.3. Асли шиносоии фурсатҳо, таҳдидот ва шароити муҳитӣ..96
Ҷамъбандӣ........................................................................................96
2.6.2. Асли оянданигарӣ: Forecast .......................................................97
2.6.2.1. Мафҳуми оянданигарӣ ..............................................................98
2.6.2.2. Омилҳои таъсиргузор бар оянданигарӣ ...............................98
2.6.2.3. Меҳварҳои пешбинӣ..................................................................100
2.6.2.4. Усули оянданигарӣ ва ё пешбинӣ...........................................101
2.6.2.4.1. Асли тарҳрезӣ .......................................................................102
2.6.2.4.2. Асли огоҳӣ ва қудрат .............................................................103
2.6.2.4.3. Асли иртиботот ва ҳамкорӣ.................................................105
2.6.2.4.4. Асли эҳтисоби неруи инсонии лозим.....................................107
Ҷамъбандӣ........................................................................................107
2.6.3. Асли тасмимгирӣ: Decision-Making .........................................108
2.6.3.1. Мафҳуми тасмимгирӣ ...............................................................109
2.6.3.2. Аҳамият ва зарурати тасмимгирӣ..........................................112
2.6.3.3. Гунаҳо ва шеваҳои тасмимгирӣ ..............................................114
2.6.3.4. Монеаҳои тасмимгирӣ...............................................................118
2.6.3.5. Усули муҳимми тасмимгирӣ.....................................................120
2.6.3.5.1. Асли масъалаёбӣ.....................................................................121
2.6.3.5.2. Асли ҷамъоварии иттилоот.....................................................125

2.6.3.5.3. Асли машварат ..... 128
2.6.3.5.4. Асли истифода аз таҷриба ..... 136
2.6.3.5.5. Асли парҳез аз шитобзадагӣ ..... 138
2.6.3.5.6. Асли дурбинӣ ва дурандешӣ ..... 140
2.6.3.5.7. Асли қотеият дар тасмимгирӣ ..... 141
2.6.3.5.8. Асли таваккул ..... 145
Ҷамъбандӣ ..... 148
2.6.4. Асли мудирияти замон: Time Management ..... 149
2.6.4.1. Мафҳуми мудирияти замон ..... 149
2.6.4.2. Замон дар Қуръон ..... 150
2.6.4.3. Аҳамият ва Зарурат мудирияти замон ..... 152
2.6.4.4. Омилҳои исрофи вақт ..... 153
2.6.4.5. Усули мудирияти замон ..... 154
2.6.4.5.1. Асли Зарурати истифодаи муносиб аз фурсатҳо ..... 155
2.6.4.5.2. Асли шитоб кардан дар фурсатҳо ..... 158
2.6.4.5.3. Асли тақсими вақт барои истифодаи муносиб аз фурсатҳо ..... 161
2.6.4.5.4. Асли тақсими кор барои истифодаи муносиб аз фурсатҳо ..... 162
2.6.4.5.5. Асли анҷоми кор дар замони худ ..... 163
2.6.4.5.6. Асли риояти авлавиятҳо ..... 167
**Ҷамъбандии боби дувум ..... 171**
**Боби 3: Созмондиҳӣ «Organizing» ..... 173**
**Даромад ..... 175**
3.1. Мафҳуми созмондиҳӣ ..... 176
3.2. Хусусиятҳои созмондиҳии хуб ва муносиб ..... 178
3.3. Усули созмондиҳӣ ..... 178
3.3.1. Асли тақсими кор: Allocation of work ..... 179
3.3.1.1. Мафҳуми тақсими кор ..... 180
3.3.1.2. Гунаҳои табақабандӣ ва тақсими кор ..... 180
3.3.1.3. Асли шароти кор ..... 182
3.3.1.4. Асли шароити коркунон ..... 185
3.3.1.5. Тақсими кор ба гурӯҳҳо ..... 185
3.3.1.6. Тақсими кор ба афрод ..... 193
3.3.1.7. Зобита ба ҷои робита ..... 195
Ҷамъбандӣ ..... 200
3.3.2. Асли шарҳи вазифаҳо: Job description ..... 200
3.3.2.1. Асли шарҳи вазифаҳо барои ҳадаф ..... 201
3.3.2.2. Асли тасҳилоти роҳбарӣ (Leadership Facilities) ..... 203
3.3.2.3. Асли риояти субот ҳамроҳ бо асли инъитоф ..... 204
Ҷамъбандӣ ..... 209
3.3.3. Асли ваҳдати фармондеҳӣ (Unity of Command) ..... 209
3.3.3.1. Мафҳуми ваҳдати фармондеҳӣ ..... 211
3.3.3.2. Асли итоат аз фармондеҳ ..... 211
3.3.3.3. Фоидаҳои итоат аз фармондеҳ ..... 213

3.3.3.4. Зарарҳои итоат накардан аз фармондеҳ......216
Ҷамъбандӣ......218
3.3.4. Асли вогузоштани ихтиёр (Delegation of authority)......219
3.3.4.1. Мафҳуми вогузории ихтиёр......225
3.3.4.2. Шароити вогузории ихтиёр......226
3.3.4.3. Мазиятҳои вогузории ихтиёр......227
3.3.4.4. Монеаҳои вогузории ихтиёр......228
3.3.4.5. Роҳҳои ғалаба бар монеаҳои вогузории ихтиёр......229
3.3.4.6. Усули вогузории ихтиёр......233
3.3.4.6.1. Асли вогузории қисмате аз ихтиёр......235
3.3.4.6.2. Асли ҳамоҳангии масъулият бо тавоноиҳои зердастон......236
3.3.4.6.3. Асли вогузории ихтиёр пас аз имтиҳон......237
3.3.4.6.4. Асли вогузории ихтиёр бо масъулиятхоҳӣ......240
3.3.4.6.5. Асли вогузории ихтиёр ҳамроҳ бо назорат ва кантрол......244
3.3.4.6.6. Асли қобили фасх будани вогузории ихтиёр......246
3.3.4.6.7. Асли тамаркуз ва тамаркуз накардан дар вогузории ихтиёр......247
3.3.4.6.8. Асли таодул дар вогузории ихтиёр......250
Ҷамъбандӣ......252
3.3.5. Алси иртиботот (Communication)......252
3.3.5.1. Мафҳуми иртиботот......254
3.3.5.2. Мавзӯи иртиботот дар созмон......255
3.3.5.3. Гунаҳои иртиботот......256
3.3.5.4. Монеаҳои иртиботот миёни афрод ва мудирон......258
3.3.5.5. Усули иртиботот......260
3.3.5.5.2. Асли нармхӯӣ......262
3.3.5.5.3. Асли равшании паём......263
Ҷамъбандӣ......264
3.3.6. Асли силсиламаротиб (Hierarchy)......265
3.3.6.1. Силсиламаротиб дар созмони исломӣ......266
3.3.6.2. Алси итоат дар силсиламаротиб......269
3.3.6.3. Саф ва ситод (Line and Staff)......278
**Ҷамъбандии боби севум......283**
**Боби 4: роҳбарӣ (Leadeship)......285**
**Даромад......287**
4.1. Мафҳуми роҳбарӣ......290
4.2. Тафовути роҳбарӣ бо мудирият......292
4.3. Назарияҳои роҳбарӣ......296
4.3.1. Назарияҳои хусусиёти фардии роҳбар......296
4.3.2. Назарияҳои рафтории роҳбарӣ......299
4.3.3. Назарияҳои иқтизоии (эҷобии) роҳбар......303
4.3.4. Назарияи роҳбарӣ дар Қуръон......304
4.4. Унсури роҳбарӣ......308

4.5. Усули роҳбарӣ дар мудирият ........ 310
4.5.1. Асли қудрат дар роҳбарӣ ........ 311
4.5.1.1. Манобеъ ва ақсоми қудрат дар роҳбарӣ ........ 311
4.5.1.2. Қудрат аз нигоҳи Қуръон ........ 313
4.5.1.2.1. Истифода аз қудрати танбеҳ дар Қуръони Карим ........ 315
4.5.1.2.2. Истифода аз қудрати подош дар Қуръони Карим ........ 321
4.5.1.2.3. Истифода аз қудрати тахассусӣ дар Қуръони Карим 324
4.5.1.2.4. Истифода аз қудрати марҷаият дар Қуръони Карим 326
4.5.1.2.5. Истифодаи ҳамзамон аз чанд қудрат дар Қуръони Карим ........ 327
Ҷамъбандӣ ........ 328
4.5.2. Асли ангезиш (Motivation) ........ 329
4.5.2.1. Мафҳуми ангезиш ........ 329
4.5.2.2. Назарияҳои ангезиш ........ 331
4.5.2.3. Ангезиш дар мудирият ва роҳбарии исломӣ ........ 335
4.5.2.4. Ангезиш дар маҷмӯаҳои инсонӣ ........ 340
4.5.2.5. Усули ангезиш ........ 342
4.5.2.5.1. Асли таъйини ҷаззобияти ҳадафҳо ........ 342
4.5.2.5.2. Асли ташвиқ ва танбеҳ ........ 343
4.5.2.5.3. Асли боварҳои динӣ ........ 347
Ҷамъбандӣ ........ 348
**Ҷамъбандии боби чаҳорум ........ 351**
**Боби 5: кантрол ва назорат (Controlling) ........ 353**
**Даромад ........ 355**
5.1. Мафҳуми кантрол ва назорат ........ 357
5.2. Зарурат ва аҳамияти кантрол ........ 358
5.3. Хусусиятҳои кантроли муассир ........ 361
5.4. Умури манзура аз кантрол ........ 363
5.5. Фароянди кантрол ........ 365
5.6. Навъҳои кантрол ва назорат ........ 367
5.7. Усули кантрол ва назорат ........ 369
5.7.1. Истифода аз шеваҳои гуногуни кантрол ва назорат ........ 370
5.7.1.1. Асли кантроли дарунӣ (худкантролӣ) (Self Control) ........ 371
5.7.1.2. Асли кантрол ва назорати берунӣ ........ 373
Ҷамъбандӣ ........ 383
5.7.2. Ниҳодҳои назораткунанда ........ 384
5.7.2.1. Худованд ........ 384
5.7.2.2. Фариштагон ........ 385
5.7.2.3. Паёмбарон ........ 386
5.7.2.4. Имомон ........ 387
5.7.2.5. Мудирон ........ 388
5.7.2.6. Назорати ҳамагонӣ ........ 389
5.7.2.7. Нафси лаввомма ........ 395
5.7.2.8. Аъзо ва ҷаворих, макон ва табиат ........ 396

Ҷамъбандӣ ... 397
5.7.3. Асли умумияти кантрол ва назорат ... 398
Ҷамъбандӣ ... 401
5.7.4. Асли диққат дар кантрол ва назорат ... 402
Ҷамъбандӣ ... 408
5.7.5. Асли пайгирии гузориш ... 408
**Ҷамъбандии боби панҷум ... 414**
**Калимаҳои калидии забони тахассусии мудирият ... 417**
**Адабиётҳо ... 449**

# Сарсухан

Илми мудирият (Менеҷмент) аз панҷ рукн (сутун)и: “усул (принсипҳо)и мудирият, мудирияти манобе (захираҳо)и инсонӣ, мудирияти рафтори созмонӣ, мудирияти фарҳанги созмонӣ ва мудирияти роҳбурдӣ (стратегӣ)” иборат мебошад. Рукни аввалини он (усули мудирият) ба таври хусусӣ аз вазифаҳои мудирон (менеҷерон) баҳс мекунад, ки ба он принсипҳо ё усули мудирият мегӯянд.

Ин китоб аз панҷ боб ташкил ёфта, ки ҳар боби он чанд фаслро ба худ ихтисос додааст.

Дар боби якум дар бораи мафҳуми мудирият, таърихчаи мудирият, мактабҳои мудирият, аркони мудирият ва баҳсҳои марбут ба созмон, созмони мудирияти исломӣ ва ғайра ишора мешавад.

Дар боби дуюм дар бораи аввалин вазифаи мудирон, ки барномарезӣ аст баҳсу мунозира мешавад.

Дар боби сеюм дар хусуси созмондиҳӣ ва ё худ ҳамон ташкилот, ки тақсими вазифаҳо аст, сухан ба миён хоҳад омад.

Дар боби чаҳорум дар бораи вазифаи роҳбарии мудирон суҳбат хоҳад шуд.

Ва ниҳоятан дар боби панҷум дар бораи вазифаи кантрол гапу гуфтугӯ мешавад.

Равиши баҳси мо дар ин китоб ба ин шакл аст: аввал баҳсҳои мудириятии ҳар мавзӯъ аз назари илми мудирияти навин оварда шуда ва баъд аз он назарияи Қуръон ва ривоятҳо дар бораи ҳамон мавзӯи мудирият оварда мешавад. Ин сухан ба ин маъно аст, ки Ислом ва Қуръон сухани аввал ва охирро дар баҳси мудирият гуфта аст. Зеро ки аз назари замонӣ, Қуръон қадимтар аз илми мудирият мебошад, чунки илми мудирият тақрибан ду аср аст, ки ба вуҷуд омадааст.

Дар ин китоб аз адабиёти илми мудирият ва мудирияти исломӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ, ва арабӣ навишта шудааст баҳра бурда шудааст.

## Вожагони калидӣ

**Қуръони Карим**: китоби фиристодашуда аз ҷониби Худованд тавассути фариштаи ваҳй ба Паёмбари акрам (с) барои ҳидояти инсонҳо.

**Мудирият: ф**ароянди барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳнамоӣ ва кантроли созмон бо истифода аз захираҳои инсонӣ ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои амалкарди созмон. (Баруманд, 1385 с: 43)

**Асл**: як назарияи асосӣ ки барномае ва ё як низом

бар асоси он аст. Қонуне, ки тарзи корҳоро тавзеҳ дода ва ё як неруи табиӣ дар ҷаҳонро тавзеҳ медиҳад. Як назария ва ё қонуни асосӣ ки ба тавзеҳ ва ё кантроли ин ки чигуна чизе иттифоқ меафтад ва ё кор мекунад, мепардозад. (Муродӣ ва Қумиён, 1392 с: 53).

**Усул**: ҷамъи асл ба маънои реша ва пояи ҳар чизе, ки ҳамеша собит ҳастанд.

**Усули мудирият**: ҳамон вазифаҳои аслӣ ки ҳамеша мудирон анҷом медиҳанд.

**Барномарезӣ**: фароянди ҳадафгузорӣ ва таъйини он чи ки барои муҳаққақ шудани онҳо бояд анҷом шавад, аст.

**Созмондиҳӣ**: фароянди ба ӯҳда гирифтани вазифаҳо, тахсис додани манбаъҳо ва тартиб додани фаъолиятҳои ҳамоҳанг дар иҷрои барномаҳо. Фароянди ҷамъ кардани дигарон ва дигар манбаъҳо дар анҷоми вазифаҳое, ки ба таҳаққуқ бахшидани ҳадафи муштарак поён бахшад.

**Роҳбарӣ**: иборат аст аз тавоноии ҳидояти инсонҳо дар ҷиҳат ва масире, ки худашон наметавонанд ба роҳатӣ ва муваффақият онро пеш баранд ва ба ҳадафу мақсадашон бирасанд.

**Кантрол**: фароянди санҷиши амалкард ва ба даст овардани итминон аз натиҷаҳои матлуб ва мавриди писанд. (Баруманд, 1385 с: 15-55).

# Боби 1: куллиёт

Дар ин боб мавзӯоти зерро мехонед:

1.1. Мафҳуми мудирият
1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар?
1.3. Мудирияти исломӣ илм, ҳунар ва ё эътиқод?
1.4. Мафҳум ва маънои мудирияти исломӣ
1.5. Мудирият аз дидгоҳи Қуръони Карим
1.6. Таърихи мудирият
1.7. Мудирият дар асрҳои миёна
1.8. Сайри таърихии мудирияти исломӣ
1.9. Адабиёти таҳқиқ дар мудирияти исломӣ
1.10. Адабиёти навишта шуда барои мудирияти исломӣ
1.11. Мактабҳои мудирият
1.12. Дараҷаҳои мудирият (мудирони мухталиф)
1.13. Мафҳуми созмон
1.14. Тақсимоти созмон
1.15. Усули мудирият
1.16. Усули мудирияти исломӣ
1.17. Мудирияти захираҳои инсонӣ

1.18. Назарияи Ислом дар мудирияти манобеи инсонӣ
1.19. Мудирияти рафтори созмонӣ
1.20. Мудирияти фарҳанги созмонӣ
1.21. Мудирияти стратегӣ

# Даромад

Дар ин боб аз чистӣ ва таърифи мудирият, таърихи мудирият, мактабҳои мудирият, усули мудирият, усули мудирияти исломӣ, мудирияти қуръонӣ, созмон ва тақсимоти он, баҳс мешавад.

## 1.1. Мафҳуми мудирият

Барои мудирият (Management) мафҳумҳои бисёре аз тарафи олимон ва донишмандон шудааст, ки дар инҷо ба чандто аз онҳо ишора мекунем.

Мудирият, фароянди барномарезӣ, созмондиҳӣ роҳнамоӣ ва кантроли истифода аз захираҳо ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои амалкард аст. (Баруманд, 1385 с: 43).

Мудирият маҷмӯае аз фаъолиятҳо (шомили барномарезӣ, тасмимгирӣ, созмондиҳӣ, роҳбарӣ ва идоракунӣ) бар рӯи манбаъҳои созмон ва муассисаҳои (инсонӣ, молӣ, физикӣ ва иттилоотӣ) бо ҳадафи дастёбӣ ба мақсадҳои созмон ба шакли коро ва таъсирбахш аст. (Пирӯз, Хидматӣ, ва Шафиӣ, 1384 с: 3).

Бархе аз андешамандон мудириятро илму ҳунари

муташаккил ва ҳамоҳанг кардану роҳбарӣ ва идораи фаъолиятҳои дастаҷамъӣ барои расидан ба мақсад ё мақсадҳои муштарак бо бештарин корої медонанд.

Қисми муштараки мафҳумҳои мудирият таҳаққуқ бахшидан ба ҳадафҳо ва мақсадҳои созмонӣ аз тарафи дигарон аст, ки мудирият ба воситаи инсонҳо ва гурӯҳҳо ҳадафҳои созмонро таҳаққуқ мебахшад. (Давлатӣ, 1380 с: 25).

Нуктаи муҳим ин аст, ки таҳаққуқи ин фароянд ва ҷараён ба василаи анҷоми вазифаҳои асосии мудирон (яъне барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳнамої, роҳбарӣ ва идора кардан) ва бо таваҷҷӯҳ ба низоми арзиши ҳоким бар созмон имкон меёбад, бинобарин барои фаҳми дурусти фароянди мудирият лозим аст бо вазифаҳои аслии мудирон ошно шавем. (Таваккулӣ, 1383 с: 16).

## 1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар?

Ҳамеша ин савол матраҳ будааст, ки мудирият илм аст ё ҳунар? Барои ба даст овардани посухи ин савол ба назарияҳои додашуда ишораи кӯтоҳе мекунем.

Мудирият илм ва ҳунари ташаккулёфта, ҳамоҳанг кардан, роҳбарӣ ва идора кардани фаъолиятҳои дастаҷамъи барои расидан ба ҳадафҳои хуб бо бештарин маҳсулот аст. Мудирият илм аст, яъне метавон онро аз тариқи омӯзиш аз худ кард. Мудирият ҳунар аст яъне доштани истеъдоди зотию дарунӣ дар иҷро ва ба кор гирифтани маҳоратҳои мудирият. (Раҳмонӣ, 1385-86. с: 8).

Мудирият танҳо донистани омӯзишҳои илми мудирият нест балки ҳунари фаротар аз доштани дараҷаи илмӣ ва дониш аст. Баъзе аз донишомӯхтагони риштаи мудирият аз анҷоми бисёре аз корҳои хурди худ низ нотавонанд дар ҳоле, ки гоҳе касоне, ки дар заминаи мудирият таҳсили донишгоҳӣ надоранд аммо аз таҷрибаи мудирият бохабаранд, дар мудирияти калон муваффақ ҳастанд. (Раҳимӣ, 1385 с: 8).

## 1.3. Мудирияти исломӣ илм, ҳунар ва ё эътиқод?

Мудирияти исломӣ илм, ҳунар ва эътиқод аст:

**Аммо ин ки илм аст:** дар баргирандаи маҷмӯае аз мабодӣ ва назарияҳое аст, ки дар мазмуни он назариёт як даста аз ҳақиқатҳои ҷавҳарию асосӣ зоҳир ва намоён мешавад, ки эътимод намудан ба онҳо мумкин аст.

**Аммо ин ки фанну ҳунар аст:** ба ҷиҳати эътимод ва такяе аст, ки ба истеъдоди шахс дар ба коргирии беҳтарин роҳ ва равише, ки бо истифода аз ин имконот вазифаҳояшро барои расидан ба бузургтарин натиҷаҳо ба хубӣ анҷом медиҳад, мебошад.

**Ва аммо чаро эътиқод аст:** зеро, ки тамоми мабодӣ, қавоид ва қонунҳоеро, ки бар онҳо эътиқод дорем ҳамагӣ мустанад ба китоб ва суннати Паёмбар (с) мебошад ва тамоми мавҳибатҳои илмӣ ва истеъдодҳои зотӣ худашонро дар хидмати ҳамин мабодӣ ва қонунҳо гузошта ва ба ҷиҳати тарси

Худованд ва дурӣ аз наҳйҳои Ӯ ва пайравӣ аз фармонҳои Ӯ барои расидан ба натиҷаҳое, ки ризояти Худованд ва Паёмбараш ва мӯъминонро дар бар дошта бошад сиёҳаки чашми худ қарор медиҳем. (Ҷавдат Абул-ъайнайн, 2002 с: 50-57).

## 1.4. Мафҳум ва маънои мудирияти исломӣ

Мафҳумҳое, ки дар боло барои мудирияти илмӣ гуфта шуд, барои онҳое фоида овар аст, ки пешрафти кор, тавлиди бисёр ва масъалаҳое монанди ин барои онҳо аз ҳама чиз муҳимтар буда ва одамҳоро дар шаклҳои гуногуни мудирият фақат барои ин хотир дар ихтёри худашон гирифта ва роҳбарӣ мекунанд, аммо мо мудириятро аз нигоҳи Ислом чунин таъриф мекунем: "мудирият ҳунар ва илми бакоргирии дурусти одамҳо ва имконот барои расидан ба мақсадҳои созмон мебошад, башарти онки бо қонунҳо ва аҳкоми шаръ мухолифат надошта бошад".

Дар ҷаҳони мудирияти исломӣ риоя намудани қонунҳои шаръӣ аз муҳимтарин масъалаи боло мебошад, барои ҳамин бояд бо эҳтиёти зиёд пайгирӣ шавад. (Набавӣ, 1385 ҳ,ш. с: 33).

Дар идеалогияи исломӣ мудирият амонат аст, мудирият ҳақ нест балки таклиф аст (таклиф ба маънои вазифа, ва ҳақ ба маънои истифода, баҳра ва суд мебошад). Мудирият хизмат аст на ҳукумат, мудирият аз ҳукумат дида бештар ба роҳнамоӣ